**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба дисссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзӯи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти унвони илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна хатмкунандаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” буда, онро соли 2018 аз руйи ихтисоси аудит ва ревизия бо гирифтани тахассусӣ «иқтисодчӣ» хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ба сифати техник-оператори факултети “Техникаи ҳисоббарор ва воситаҳои техникии таълим” фаъолият намуда, соли 2020 ба докторантураи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд қабул шуда, соли 2021 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати анҷом додани кори илмӣ интиқол шудааст. Дар ин давра дар якҷанд кофренсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2020 сар карда Аскарова С.С. бо таҳқиқоти масоили такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошад.

Дар ҷараёни таълим давра ба давра нақшаи таълимро иҷро намуда, дар рафти иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи Аскарова С.С. 46 корҳои илмӣ чоп карда шудаанд, ки 15-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон руйи чоп омадаанд.

Муаллиф мавзӯъи рисолаи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намуд. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд аз корҳои илмии появии муҳақоқон-иктисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалӣ ва оморӣ васеъ истифода кардааст.

Дар давраи кунунӣ дастнавис се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули системаи саноат ва рушди соҳаҳои саноат баррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карада шудааст, инчунин сиёсати саноатӣ ва роҳҳои тараққиёти техникӣ-инноватсионии он дида шудааст. Дар боби

дуюми диссертатсия тамоюлҳои рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тащлил карда шудааст. Ба ғайр аз ин, заминаҳои асосии ташкили системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли рушди инноватсионии соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар боби 3-юми диссертатсия самтҳои стратегии такомули ташаккулдиҳии система ва сиёсати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бapapcӣ гардида, механизми мукаммалгардонии рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шдуааст, инчунин модели иқтисодӣ-риёзии фаъолият ва самаранокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд.

Ба муаллиф муясар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологии такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконят фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтасар ифода намояд.

Кори диссертатсионии анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Доштани малакаи таҳлилӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳмияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ аз аҳмияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ чамбаст карда шудааст, усулҳои систамавӣ, муқоисакунӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, баҳодиҳии қиёсӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, пешгуикунӣ, таҳлил коррелятсионӣ ва ғ. истифода карда шудааст.

Ҳамин тавр, гапҳои дар боло қайд кардашуда асос шуда метавонад, ки ҳисоб намоед, ки Аскарова С.С. вазифаҳои расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуввафақият иҷро намудааст.

Кори диссертатсионӣ мантиқан банҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман-ассонокардашуда ва тавсияҳои амалии ба мукамалгардонии

такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории кори диссертатсионии Аскарова С.С. ба талаботи бандҳои 31, 32, 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ бада, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти унвони илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Низомов С.Ф.**

**Имзои Низомов С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

03.06.23